**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони**
**Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 28 саҳ.)**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исозода П.А. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии падидаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ унвонҷӯ нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳоеро барои ҳимоя пешниҳод менамояд, ки баҳри шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фароҳамории фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар самти истифодаи мафҳуми ягонаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, коркарди роҳҳои самарабахши маҳдуднамоӣ ва дар маҷмуъ, риояву тарзи дурусти амалисозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ

ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст фаррох истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бар меояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи ҳуқуқи инсон, махсусан маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар як қатор конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Исозода П.А. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа пешбинӣ гардидаст.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд, ҳолате ба назар мерасад, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд.

Дар тавсияи амалии шашуми худ диссертант иброз менамояд, ки санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ тартиби амалисозии маҳдуднамоӣ дар се шакл ифода ёфтааст: маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон бо тартиби умумӣ; имконияти маҳдудсозии ҳуқуқи мушаххас; маҳдудсозӣ вобаста ба ҳайати субъективӣ (саҳ. 10). Зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ баҳри ташаккул, рушд ва пешбурди ҳуқуқи инсон танҳо шароит фароҳам

меоваранд. Бо дарназардошти кадом унсурҳо муаллиф санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалиро заминаи муайянкунандаи маҳдудкунӣ ифода намудааст.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Исозода Парвиз Асадулло ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.

Имзои А.Д. Ғафурзодаро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

12.04.23с